# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-093–и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ оид ба диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи “Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.–Таърихӣ ва бостоншиносӣ 6.1.1.–Таърихи ватанӣ.**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Абулҳаев Р. (раиси комиссия), доктори илмҳои таърих, профессор Маликов М.Ҳ. (аъзои комиссия) ва доктори илмҳои таърих Қурбонова Ш.И. (аъзои комиссия) диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи “Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.-Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.1.-Таърихи ватанӣ пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, хулосаи хешро ба тариқи зайл пешниҳод менамояд.

Муаллифи диссертатсия сарчашма ва манбаъҳои илмии муътамадро мавриди омӯзиш қарор дода, диссертатсияи худро дар асоси сарчашмаҳои зикргардида омода намуда, рисолаи пурмазмунеро пешниҳод намудааст. Диссертатсияи пешниҳодгардида ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 бахшида шудааст.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки мавриди омӯзиш қарор додани таърихи давраи соҳибистиқлолӣ, махсусан таърихи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, баррасии ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии он ба ҷиҳати моҳият дорои аҳаммияти баланди

илмӣ мебошад, ки аз ҷониби муҳаққиқони соҳа мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Сохтор ва мазмуну мундариҷаи диссертатсия мушаххас буда, ба риояи муқаррароти илмӣ ва мутобиқ ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиботи додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия намуда, объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ ба мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар асоси навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-таърихият онҳоро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқиии андешаҳои муаллиф дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, мустақилияти андешаҳои муаллиф дар мавқеъгирӣ ва хулосабарориҳои илмӣ мавҷуд мебошад. Муҳиммияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши масъалаи ҳаёти иҷтимой-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021), равшанӣ андохтан ба таърихи он, дастовард, мушкилот, таҳлили роҳҳои бартараф кардани онҳо ва дар маҷмуъ нишон додани саҳми минтақа дар раванди созандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз расидан ба истиқлолият аҳаммияти назариявӣ ва илмиро касб менамояд. Кори диссертатсионии пешниҳодшуда ба ҷиҳати мазмун ва мундариҷа хеле пурарзиш ва гуногунранг буда, дар рушди илми таърихи ватанӣ саҳми муносиб гузошта, омӯзиш ва таҳқиқи он дар шароити муосир муҳим ва арзишманд мебошад.

Мақсади таҳқиқоти мазкур ба риштаи пажӯҳиш кашидани масъалаҳо ва мушкилоти ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони 30-соли истиқлолият (солҳои 1991-2021) иборат буда, нишон додани дигаргуниҳои ҷамъиятӣ-сиёсии давраи охири асри XX ва ибтидои асри XXI, тадбирҳои муҳим ва рӯйдодҳои бузурги таърихӣ-сиёсии ин марҳала, баррасии сабабҳои

пастравии саноат, раванди барқарорсозӣ ва дигаргунсозиҳо дар шароити нави иқтисоди бозорӣ, тағйирот дар ҳаёти аграрӣ-деҳқонӣ, баррасии ислоҳот ва комёбиҳои соҳаи маорифи халқ, дараҷаи хизмати тибии аҳолӣ ва инкишофи соҳаи тандурустӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии минтақа аз ҷумлаи вазифаҳои таҳқиқот маҳсуб меёбанд. Ҳадаф ва вазифаҳо дуруст муайян ва мушаххас гардида, ҳалли худро дар ҷараёни таҳқиқот ёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он хотир муҳим мебошад, ки муаллиф бо ҳал намудани вазифаҳои мушаххас, як қатор навгониҳоро ба даст овардааст. Аз ҷумла, бори аввал дар таърихнигории ватанӣ масъалаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) дар сатҳи кори мукаммали илмӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия қавӣ ба назар мерасад, зеро ин кори таҳқиқотӣ дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ ва манбаъҳои боэътимот таҳқиқ шудааст. Мазмуни илмӣ, хулосаҳо ва маводи истифодагардидаи диссертатсия хеле нодир ва камёфт мебошад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо дар он ифода меёбад, ки баррасиҳои илмӣ ва хулосаҳои муаллиф роҷеъ ба масъалаи ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар давраи соҳибистиқлолӣ (1991-2021) дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва ба асосҳои таърихнигорӣ таҳия гардида, барои ғанӣ гардидани маводи илмии соҳаи илмҳои таърих мусоидат менамояд.

Муаллифи рисола дар раванди таҳқиқот 14 интишоротро дар асоси натиҷаҳои диссертатсия ба нашр расонидааст, ки аз ин шумора 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттетатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар дигар навъи маҷалаҳо ва маҷмуаҳо ба табъ расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-и июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамояд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия мебошанд.

Диссертатсия кори мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дар он муаллиф аз ӯҳдаи таҳияи таҳқиқоти илмӣ ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда ба осонӣ баромадааст.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо шиносномаи ихтисоси 6.1.Илмҳои таърих ва бостоншиносӣ 6.1.1. – Таърихи ватанӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии атетатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст ва ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд, мувофиқат менамояд. Дар диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани банди 37-и “Тартиби додани дараҷаи илмӣ” гувоҳӣ медиҳанд.

Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Шодизода С.И. маълумоти ғайрисаҳеҳ ба назар намерасад. Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 60-и “Низомномаи шурои диссертатсионӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-и июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи “Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.1.-Таърихи ватанӣ, ки ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-093–и назди Институти таърих,

бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод карда шаванд:

- Собирова Қурбонбегим Давлатқадамовна - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Наҷмиддинов Толиб - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва мунсибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» тавсия дода шавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва афтореферати он дар сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозад дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих,
профессор — Абулҳаев Р.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих — Маликов М.Ҳ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих — Қурбонова Ш.И.

04.03.2026